ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумхурии Точикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Шевченко – 69, тел. (992 37) 221 18 35, факс (992 37) 221-75-25

ФАРМОИШ

аз «28» 12 с. 2021. № 1213 **ш. Душанбе**

Оид ба тасдиқи Таснифот
ва Низомномаи тахассусии
ҳамшираи тибби оилавӣ

Бо мақсади иҷроиши "Нақшаи рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) аз рӯи принсипҳои тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ дар сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти № 148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Таснифот ва Низомномаи тахассусии ҳамшираи тибби оилавӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба сардорони раёсатҳои тандурустии ВМКБ (Музаффаров Ф.), вилоятҳои Хатлон (Рачабзода М.), Суғд (Мақсудзода Ф.), шаҳри Душанбе (Шарифзода Х.С.) ва роҳбарони шабакаи муассисаҳои КАТС-и шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода мешавад, ки фаъолияти ҳамшираҳои тибби оилавиро дар шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ тибқи таснифоти тахассусӣ ва низомномаи тасдиқгардидаи мазкур таъмин намоянд.
3. Бандҳои 1.2 ва 1.4 фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2005, №584 оид ба тасдиқи таснифоти тахассусии ҳамшираи тибби амалияи умумӣ (ҳамшираи тибби оилавӣ) аз эътибор соқит карда шаванд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Ҷ. Абдуллозода

БАРОИ ФАРМОНХО ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

Замимаи №1 ба фармоиши
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1213
аз “ 28 *”* 12 *2021 с.*

Таснифоти тахассусии ҳамшираи тибби оилавӣ

Муқаррароти умумӣ

Таснифоти тахассусии мазкур ҳуҷҷати меъёрӣ мебошад, ки муайян менамояд:

- таъиноти касбӣ, ҳолатҳои асосӣ ва шароитҳои фаъолияти мутахассис – ҳамшираи тибби оилавӣ (ҲТО);
- талаботи тахассусӣ ба ҲТО;
- талабот ба аттестатсия, сертификатсия ва иҷозатномадиҳии ҲТО;
- масъулияти муассисаҳои таълимии тиббӣ, мақомот ва муассисаҳои соҳаи тандурустӣ барои сифати омодасозӣ ва истифодабарии ҲТО;

Таснифоти тахассусии мазкур муқаррар менамояд:

- муассисаҳои таълимии тиббӣ;
- мақомоти идораи соҳаи тандурустӣ;
- вазоратҳо, идораҳо, идораҳо (муассисаҳо ва ташкилотҳо, ки хизматрасонии тиббии мутахассиси мазкурро истифода мекунанд);
- муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ;
- ташкилотҳои суғуртавӣ;
- ассотсиатсияҳои тиббӣ.

Таснифоти тахассусӣ ягонагии ҳамаҷониба ва талаботҳоро оид ба омодасозӣ ва фаъолияти ҲТО таъмин менамояд.

Дар асоси таснифоти тахассусӣ муайян карда мешаванд:

- мақсад ва муҳтавои фаъолияти ҲТО;
- сатҳи дониши касбӣ, малака ва маҳорати ҲТО;
- ҳаҷми кумаки тиббӣ-санитарӣ ва тиббӣ-иҷтимоӣ.

Коркард мешаванд:

- барномаҳои омодасозии тодипломӣ ва баъдидипломии ҲТО;
- маҳакҳои арзёбии сифати омодасозии ҲТО дар марҳилаҳои гуногуни таҳсилот;
- талаботҳои намунавӣ ба аттестатсия, сертификатсия ва иҷозатномадиҳии ҲТО;
- стандартҳои пешгирӣ, муоина, табобат, барқарорсозӣ, кумаки паллиативӣ, назорати муштариён ва парастории беморон.

Ташкил карда мешаванд:

- раванди таълим;
- тамоюли касбии довталабони муассисаҳои таълимии тиббӣ.

Гузаронида мешавад:

- аттестатсияи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти тиббӣ;

- аттестатсия, сертификатсия ва иҷозатномадиҳии ҲТО.

Тартиб дода мешаванд:

- шартномаҳо-дархостҳои мустақим оид ба омодасозии ҲТО бо муассисаҳо ва ташкилотҳо;
- шартномаҳои меҳнатӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҳангоми ба кор қабул намудани ҲТО.

Ҳамшираи тибби оилавӣ – ин шахсе мебошад, ки соҳиби таҳсилоти зарурӣ (соҳиби диплом) ва тахассус буда, ҳуқуқи кор карданро бо табиби оилавӣ дар сохтори кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, ҳамчунин дар доираи салоҳияти худ расонидани кумаки мустақилонаро (ё дар якҷоягӣ дар даста бо дигар мутахассисон) оид ба пешгирӣ, барқарорсозӣ ва табобат дорад.

Ҳамшираи тибби оилавӣ дар доираи салоҳияти худ бояд донад:

- Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барномаҳои миллӣ ва соҳавиро оид ба соҳаи нигоҳдории тандурустӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд;
- Сохтори ташкилии муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ;
- Ҳуқуқ ва вазифаҳо, этика ва деонтологияи корманди тиб;
- Нақши ҳамшираи тибби оилавиро дар раванди ташхису табобат, пешгирии беморихо, тарғиби тарзи ҳаёти солим;
- Раванди ҳамширагиро ҳангоми расонидани кумаки тиббӣ ва парастории беморон;
- Услубҳои омӯзиши тиббӣ-иҷтимоии оилаҳо;
- Масъалаҳои банақшагири танзими оила;
- Принсипҳои кори ҳамширагӣ дар тибби оилавӣ;
- Асосҳои ёрии то валодатӣ ҳангоми ҳомиладории физиологӣ;
- Асосҳои парастории навзодон;
- Принсипҳои синамаконӣ;
- Ғизои кӯдакони синни бармаҳал;
- Асосҳои инкишофи ҷисмонӣ ва асабу рӯҳии кӯдакони синни бармаҳал;
- Гузаронидани табобати обиштагардонии (регидрататсияи) даҳонӣ;
- Асосҳои беморихои кӯдакона;
- Тақвими иммунизатсияи пешгирикунанда;
- Хусусиятҳои таъсири оила ба солимии шахсони алоҳида ва назорати солимии онҳо;
- Марҳилаҳои ҳаёти инсон ва расонидани кумаки тиббӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт;
- Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо олот ва таҷҳизоти тиббӣ;

- Психологияи муносибати байниҳамдигарӣ бо беморон ва ҳамкасбон;
- Услубҳои муоинаи беморон;
- Шаклҳои асосии ҳуҷҷатгузории тиббӣ ва тарзи дуруст пур намудани онҳо;
- Баҳисобгирӣ ва маҳфуздории маводи доругӣ;
- Муҳтаво ва аҳамияти ташхисии муоинаҳои асосии озмоишгоҳӣ;
- Аломатҳои клиникии асосӣ ва расонидани кумаки таъҷилӣ ҳангоми ҳолатҳои фаврӣ;
- Принсипҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- Принсипҳои ғизои солим;
- Аломатҳои клиникии асосии ҳолатҳои таъҷилӣ ҳангоми бемориҳо ва амали ҳамшираи тиббиро дар расонидани кумаки тотабибӣ;
- Асосҳо ва хусусиятҳои диетологияро (парҳез) ҳангоми бемориҳои бештар вохуранда;
- Масъалаҳои муоина ва арзёбии солимии рӯҳӣ;
- Услубҳои маслиҳатдиҳӣ ва истифодабарии онҳо;
- Арзёбии ҳолати беморӣ;
- Амалҳоро оид ба бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода;
- Амалҳоро дар манбаи сироят;
- Масъалаҳои экология ва таъсири он ба солимии оила;
- Муқаррар намудани фавт ва амали ҳамшираи тиббӣ.

Ҳамшираи тибби оилавӣ дар доираи салоҳияти худ бояд тавонад:

- Барои дуруст гузоштани ташхиси ҳамширагӣ таҳлил ва шарҳ дода тавонистани таърихи беморӣ, аломатҳо, маълумоти ҷисмонӣ ва ташхисӣ;
- Арзёбӣ кардани ҳолати ҷисмонӣ ва равонии бемор, муайян намудани ҳолатҳои шадид ва музмин, ҳангоми зарурият равон намудан барои муоина ва табобати минбаъда;
- Назорат бурдани ҳомилагии физиологӣ тибқи стандарти миллӣ;
- Машваратдиҳии занони ҳомила оиди ғизои солим ва фаъолияти ҷисмонӣ, аломатҳои хатарнок, тарзи ҳаёти солим, тайёри ба валодат, контрасепсия, синамаконӣ, чораҳои пешгирикунанда ҳангоми ҳомиладорӣ;
- Ёрии таъҷилии самаранок расонидан;
- Гузаронидани чорабиниҳо бо мақсади беҳтар намудани солимии аҳолӣ, бурдани тарзи ҳаёти солим, паст намудани хатар ва пешгирии бемориҳо дар давоми давраи ҳаёти инсон, муайян намудани гурӯҳи хатар оид ба бемориҳои ғайрисироятӣ;
- Истифодаи мудохилаи ҳамширагӣ мутобиқи протоколҳои клиникии тасдиқшуда;
- Тасвияи нақшаи нигоҳубини ҳамширагӣ, ки ба раванди ҳамширагӣ ва стандартҳои табобат асос ёфтааст;

- Арзёбии омилҳои ирсии хатар, ки ба солимии одамон ва аъзоёни оилаи онҳо таъсир мерасонанд;
- Бо мақсади беҳтарсозии сатҳи солимӣ доштани ҳамкории фаъол бо гурӯҳҳои/дастаҳои саломатии ҷомеавӣ;
- Арзёбии самаранокии чорабиниҳо оид ба беҳтарсозии солимӣ ва услубҳои маърифати санитарӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ;
- Дуруст пур кардани ҳуҷҷати тиббӣ;
- Доштани малакаҳои муоширати хуб;
- Иҷроиши нигоҳубини ҳамширагӣ, аз ҷумла расонидани кумаки паллиативӣ ба беморон дар давоми тамоми давраи ҳаёт;
- Ҷамъоварӣ намудани таҳлилҳо ва иҷро намудани тестҳои оддитарин, мутобиқи стандартҳои қабулшуда;
- Кумак расонидан ба табиб ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои муолиҷавӣ-ташхисӣ;
- Навистани дорухат.

Нақши касбии ҳамшираи тибби оилавӣ

Ҳамшираи тибби оилавӣ дарки нақши касбии худро ба воситаи иҷро ва ташаккули касбии худ иҷро менамояд, аз ҷумла:

1. Раванди ҳамширагӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои илми барои ташаккули нақши ҳамшираи тиббии касбӣ истифода мебарад;
2. Ҳангоми фаъолият нақшҳои гуногунро иҷро менамояд: намояндаи хадамоти тиббӣ, назоратчӣ, машваратчӣ, омӯзгор, мураббӣ, роҳбар, тадқиқотчӣ, пешво.

Хадамоти зеринро идора менамояд:

1. Афзалият медиҳад, назорат мекунад ва ба эҳтиёҷот ва хоҳишҳои барзиёди муштариёни аз ҷиҳати муносибати фарҳангӣ гуногун ҷавобгу мебошад;
2. Манфиатҳои беморро дастгирӣ менамояд, то ин ки ҳамаи чорабиниҳои зарурӣ барои ҳифзи солимии ӯ таъмин бошанд;
3. Бо дигар кормандони соҳаи тандурустӣ, агентиҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ машварат менамояд;
4. Технологияи муосирро ба таври бояду шояд дар раванди парастории бемор истифода менамояд;
5. Системаҳои иттилоотиро барои кумак ва қабули қарор ва барои беҳтарсозии самаранокии табобат истифода менамояд.

Пешвоиро таъмин менамояд:

1. Дар ташкилоти касбӣ фаъолона иштирок менамояд;
2. Таъсири сиёсати ҷории соҳаи тандурустиро ба кормандони соҳа ва гирандагони кумаки тиббӣ арзёбӣ менамояд;
3. Дар соҳаи ташкили сиёсати қонунгузорӣ бо мақсади беҳтарсозии таҷрибаи кори ҳамширагӣ ва солимии ҷомеа ширкат меварзад;
4. Муносибати байни ҷамеа ва тандурустии ҷамъиятӣ, муаммоҳои иҷтимоиро, ки ба солимии одамон таъсир мерасонанд (камбизоатӣ, саводнокӣ, зӯроварӣ ва ғ.) арзёбӣ менамояд.

Идора/назорати муштариён

1. Фаҳмиши нақши ҳамшираи таҷрибавиро дар ҷодаи парастории ҳар як бемор намоиш медиҳад;
2. Ба шахсони алоҳида, оилаҳо ва ҷамоатҳо дар доираи хадамоти якҷояи тиббӣ кумак мерасонад;
3. Дар қабули қарорҳои ташкилӣ ширкат меварзад, вариантҳои натиҷаро пешбинӣ менамояд ва маълумотҳоро аз системаҳои иттилоотӣ барои беҳтарсозии таҷриба истифода мекунад;
4. Вазифаҳои ташкилотчигиро иҷро менамояд ва захираҳоро дар доираи уҳдадориҳои худ сафарбар менамояд;
5. Стратегияҳои идоракунии хизматиро барои таъмини парастории босифат ва истифодабарии самараноки захираҳо ба кор мебарад;
6. Дар ҷодаи принсипҳои корӣ дониши худро намоиш медиҳад, ки ба рақобатпазирии дарозмуддати таҷрибавӣ ва молиявӣ таъсир мерасонанд, захираҳоро бо мақсади беҳтаршавии сифати табобат самаранок истифода мебарад;
7. Дониши қонунҳои мувофиқро, ки ба касбияти ҳамшираи тиббӣ, аз ҷумла пардохти музд барои хизматрсасонӣ алоқамандӣ доранд, намоиш медиҳад.

Ҳамкорӣ

1. Дар якҷоягӣ бо дигар кормандони соҳаи тандурустӣ кумаки аввалияи тиббиро бо истифода аз услуби тақсимот дар асоси ихтисосҳо арзёбӣ мекунад, ба нақша мегирад ва пешниҳод менамояд, то ки эҳтиёҷоти беморон ба пуррагӣ қонеъ гардонида шавад.
2. Дар ташаккули таҷрибаи муштарак ва инноватсионӣ ба сифати аъзои калидии дастаи байнисоҳавӣ ширкат меварзад.
3. Дар банақшагирӣ, ташаккул ва амалисозии барномаҳои тандурустии ҷамъиятӣ иштирок менамояд.
4. Дар фаъолияти қонунгузорӣ ва сиёсӣ, ки ба таҷриба ва хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ алоқаманд аст иштирок мекунад.

5. Сиёсатеро, ки хатари экологиро ба солимии аҳолӣ паст мегардонад дастгирӣ мекунад.
6. Дастрасии хадамоти тандурустиро барои ҳама мусоидат мекунад.

Сифати парастории ҳамширагиро таъмин менамояд:

1. Нақши касбии худ, салоҳият ва рӯйхати имкониятҳоятҳои худро ба муштариён ва ҳамкасбон мефаҳмонад;
2. Ба раванди таҷриба навовариҳои касбӣ, стандартҳои қонунӣ ва технологияи муосирро ворид менамояд;
3. Эҳтиёҷоти беморонро дар доираи меъёрҳои этикӣ қонеъ мегардонад;
4. Барои расонидан кумаки тиббӣ масъулиятро ҳис намуда, кӯшиш менамояд, ки ба стандартҳои баландтарини хизматрасонии тиббӣ ноил гардад;
5. Услуби худбаҳодиҳиро нисбати таҷриба ҷорӣ намуда, маълумоти баҳогузориро барои беҳтарсозии табобат ва таҷрибаи хизматрасонӣ истифода менамояд;
6. Бо дастаи кормандони тиб оид ба натиҷаҳои гуногуни табобат ҳамкорӣ ва машварат мекунад;
7. Раванди ҳамширагӣ (муносибати илман асоснокшуда) ва натиҷаи таҳқиқотҳои илмиро дар раванди парасторӣ ва табобат самаранок истифода менамояд;
8. Натиҷаҳои бадастовардаи парастириро барои аз нав арзёбӣ намудани стратегияи пешниҳоди хизматрасонӣ бо мақсади беҳтарсозии сифати парасторӣ истифода менамояд;
9. Масъулияти шахсиро барои ташаккули касбӣ ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани дараҷаи тахассуснокӣ ва салоҳиятнокии худ ҳис менамояд.

Санҷиши сифат:

1. Сифати кори худро назорат мекунад ва барои боз ҳам беҳтаршавии он кӯшиш менамояд;
2. Ҷараёни назорати ҳолати солимии муштарӣ ва натиҷаи онро бо назардошти машварат ва роҳнамоӣ ба дигар зинаҳои парастории тиббӣ арзёбӣ менамояд;
3. Бо мақсади такмил додани сатҳи дониш, маҳорати касбии худ ва беҳтарсозии сифати кориаш таҳқиқоти илмиро пайгирӣ менамояд.

Малакаҳои амалӣ

1. Муоинаи пурраи бемор (анамнез (собиқа), муоинаи объективӣ бо гузоштани ташхиси ҳамширагӣ);
2. Ба бемор додани (гузоштани) тубак ва зарфи пешобкунӣ;

3. Покизакунии санитарии (танзифи) бемор;
4. Кӯчонидан ва ба ҷойи дигар гузоштани бемор;
5. Истифодаи кати функционалӣ;
6. Омода намудани бистари хоб;
7. Ивази ҷойпуш ва либоси тагпуш;
8. Шустани бемор;
9. Чорабиниҳои гигиенӣ дар бистари хоб;
10. Гузаронидани ғизо тавассути мисбор (зонд);
11. Гузоштани найчаи газбароранда;
12. Қастаразании масона;
13. Бастани нофи кӯдаки навзод;
14. Нигоҳубини ноф;
15. Риояи занҷираи гармӣ;
16. Донистани қоидаҳои синамаконӣ;
17. Ташкили рӯбучини гигиении қароргоҳҳо;
18. Безараргардонии ашёҳои барои нигоҳубини бемор истифодашуда;
19. Безараргардонии таҷҳизотҳои тиббӣ;
20. Гигиенаи дастон;
21. Воситаи муҳофизати шахсӣ;
22. Муносибати эҳтиёткорона бо асбобҳои бурранда ҳангоми иҷроиши дастамалҳо;
23. Ташкили ҷамъоварӣ ва безараргардонии партовҳо;
24. Ҷобаҷогузории маводҳои бандинабандӣ, либос ва дигар ашёҳои ҳайати ҷарроҳикунанда дар бикс (қуттиҳои бесироятгардонӣ);
25. Истифодаи биксҳои тамъизшуда;
26. Омодагӣ ба дастамалӣ ҷарроҳӣ;
27. Омода намудани мизи бесироят барои ҷарроҳӣ ва ҷароҳатбандӣ;
28. Истифодаи марҳамҳо, зимоди часпакҳо (паластур) ва хокаҳо;
29. Ҷамъкунии балғам;
30. Ташхиси хун барои ҳемоглобин, суръати таҳшиншавии эритротситҳо (СТЭ), лейкотситҳо;
31. Ташхиси қанди хун;
32. Ташхиси умумии пешоб, қанди пешоб, сафедаи пешоб;
33. Таҳқиқи хун ва пешоб ба воситаи экспресс-тестҳо;
34. Омода намудани асбобҳои ҷарроҳӣ барои ҷарроҳиҳои гуногун;
35. Муайян намудани гурӯҳи хун, озмоиш оид ба мутобиқати фардӣ;
36. Муайян намудани биноӣ;
37. Гирифтани симлоҳҳои гӯш;
38. Гузаронидани антропометрия;
39. Пуркунӣ ва таҳлили ҷадвали инкишофи кӯдак;
40. Арзёбии инкишофи кӯдакони синни аз 0 то 3 сола дар асоси скрининги рушди аввалия;
41. Омода намудани маҳлулҳои гандзидоӣ (дезинфексионӣ);
42. Нигоҳубини пӯст, пешгирии яғиршавиҳо;
43. Муоинаи ковокии даҳон;

44. Гирифтани намунаи тароша (андуда) аз ҳалқ ва бинӣ;
45. Техникаи чакконидани дору ба гӯш, бинӣ ва чашмон;
46. Нигоҳубини ковокии даҳон, гӯшҳо ва чашмон;
47. Ғизодиҳии беморони вазнин;
48. Чен намудани ҳарорати бадан;
49. Нигоҳубини бемори ҳароратбаландӣ дошта;
50. Қайди ҳарорат дар ҷадвали назорати ҳарорат;
51. Санҷиши ҳаррӯзаи ҳарорат;
52. Иҷроиши дастамалҳои оддитарини физиотерапевтӣ;
53. Иҷроиши ҳамаи намудҳои тазриқ;
54. Омехта ва ворид намудани маводҳои доругӣ;
55. Додани оксигени намнок;
56. Истифодаи ингалятор;
57. Арзёбии набз, нафаскашӣ ва фишори шараёнӣ;
58. Усулҳои Леополд, гуш кардани тапиши дили тифл;
59. Муайян намудани мӯҳлати тахминии ҳомиладорӣ ва валодат:
60. Иҷро намудани сабти барқии дил;
61. Кумак ба бемор ҳангоми қайкунӣ;
62. Шустани меъда;
63. Ҳуқнаи тозакунанда;
64. Ҷамъоварии пешоб барои ташхиси умумӣ ва мавҷудияти қанд;
65. Омода намудани бемор барои тадқиқотҳои ташхисӣ ва табобатӣ;
66. Расонидани кумаки таъҷилии тотабибӣ ҳангоми:
- хуруҷи зиққи нафас;
- ҳароратбаландӣ;
- ҳамаи намудҳои хунравӣ;
- хуруҷи зиққи дил;
- сактаи дил;
- норасоии шадиди қалбӣ;
- норасоии шадиди рагӣ;
- ҳамаи намудҳои хала (ҷигар, гурда, рӯда);
- ҳамаи намудҳои мадҳушӣ (ҷигар, гурда, диабетӣ ва ғ.);
- сактаи майна (инсулт);
- ларингоспазм, буғишавии (крупи) қалбакӣ;
- алоими рагкашӣ;
- садмаи таҳсосӣ (анафилаксӣ);
- токсикоз бо эксикоз;
- сӯхтагиҳо;
- заҳролудшавиҳо;
- сармозаниҳо;
- газидани ҳашаротҳои заҳрнок;
- садмаи барқӣ;
- осебҳои кимиёӣ;
- ғарқшавӣ;
- преэклампсияи вазнин

- эклампсия
- хунравиҳо

67. Гузоштани ҳамаи намудҳои бандинаҳо;
68. Ёрии аввалияи тиббӣ ҳангоми захмдоршавиҳо;
69. Бедардкунонии ҷузъӣ;
70. Беҳаракаткунонии дасту пойҳо ҳангоми осебҳо;
71. Гузаронидани премедикатсия (пешдармон);
72. Парастории кӯдаки навзод;
73. Парастории кӯдакони садамаи таваллудӣ дошта;
74. Кумак ба кӯдакон ҳангоми буғишавӣ;
75. Усули синамакконӣ;
76. Усули ғизодиҳии кӯдакони норасид ва парастории онҳо;
77. Обутобдиҳии кӯдакон;
78. Масҳи ғайримустақими дил ва нафасдиҳии сунъӣ;
79. Парастории тотаваллудии ҳомиладории физиологӣ;
80. Ғизои зани ҳомиладор;
81. Муайян намудани сафеда дар пешоб;
82. Чен кардани индекси вазни бадан;
83. Машварат оиди синамаконӣ дар давраи ҳомиладорӣ, таваллуд ва баъд аз таваллудӣ;
84. Бақайдгирӣ ва шарҳи гравидограмма;
85. Асосҳои иммунизатсия;
86. Бурдани зоиши физиологӣ;
87. Парастории занҳои таваллудкарда;
88. Алоҳидагузории беморони сироятӣ, назорат ва муоинаи аъзоёни оилаҳои онҳо;
89. Расонидани кумаки тотабибӣ ба шахсони халалёбии (ихтилолӣ) рӯҳӣ дошта.

Замимаи №2 ба фармоиши
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи
иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии
Тоҷикистон № 1213
аз “ 28 *”* 12 *2021 с.*

НИЗОМНОМА ДАР БОРАИ ҲАМШИРАИ ТИББИ ОИЛАВӢ

1. НИЗОМНОМАИ УМУМӢ

1.1. **Ҳамшираи тибби оилавӣ шахсе мебошад,** ки маълумоти зарурӣ дорад (шаҳодатнома гирифтааст), дорои тахассус ва ҳуқуқи фаъолият дар системаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дорад ва инчунин дар доираи салоҳияти худ кумаки мустақилона (ё дар гурӯҳи мутахассисони дигар) пешгирикунанда, барқароркунанда ва тиббӣ пешниҳод менамояд.
1.2. Ба вазифаи ҳамшираи тибби оилавӣ, ки тибқи барномаи таълимӣ бозомӯзии касбӣ аз рӯи ихтисос "Ҳамшираи тибби оилавӣ" дар муассисаҳои таълимии соҳаи тандурустӣ аз омӯзиш гузаштаанд, таъин карда мешаванд.
1.3 Ҳамшираи тибби оилавӣ бо роҳбарии табиби оилавӣ ё мустақилона тибқи шартҳои шартнома фаъолият менамояд.
1.4. Ҳамшираи тибби оилавӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. ӮҲДАДОРИҲОИ ҲАМШИРАИ ТИББИ ОИЛАВӢ

Вазифаҳои асосии ҳамшираи тибби оилавӣ инҳоянд:
2.1. Татбиқи чораҳои пешгирикунанда, ташхисӣ, табобатӣ,ки табиб дар марказҳои саломатии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва деҳотӣ ва дар хона муқаррар кардааст ва инчунин иштирок дар амалиётҳои амбулаторӣ мутобиқ ба хусусияти ихтисос;
2.2. Расонидани кумаки аввалини тотабиб ба беморон ва осебдидагон ҳангоми ҷароҳатҳо, заҳролудшавӣ, ҳолатҳои шадид, ташкили бистарӣ намудани беморон ва осебдидагон аз рӯи нишондодҳои фаврӣ ба беморхона;
2.3. Ташкили таъиноти амбулаторӣ ба табиби оилавӣ, омодасозии минтақаи корӣ, лавозимотҳо, асбобҳо, омода намудани картаҳои амбулаторӣ, варақаҳои дорухат, ҷамъоварии қаблии шарҳи ҳол ва муоинаи бемор;
2.4. Риояи тартиби санитарию гигиении ҳуҷра, қоидаҳои асептикӣ ва антисептикӣ, усулҳои таъмизгардонии асбобҳо ва маводҳо, чораҳои пешгирии оризаҳои баъд аз тазрик, зардобаи гепатит ва беморії пайдошудаи норасоии масуният мувофиқи дастур ва фармонҳои ҷорӣ;
2.5. Пешбурди ҳуҷҷатҳои тиббии ба қайдгиифташуда (талонҳои оморӣ, варақаҳои огоҳкунии ҳолатҳои фавқулода, варақаҳои роҳхат барои

санҷишҳои ташхисӣ, рӯйхатҳои ирсолшаванда ба комиссияи машваратию тиббӣ, картаҳои санаторӣ-курортӣ, картаҳои назоратии диспансерӣ ва ғайра);

2.6. Таъмини ҳуҷраи табиби оилавӣ бо доруворихои зарурӣ, асбобҳои безараргардонидашуда, лавозимоти ҷароҳатбандӣ ва либоси махсус. Баҳисобгирии хароҷоти доруворӣ, лавозимоти ҷароҳатбандӣ, асбобҳо ва варақаҳои махсуси баҳисобгирӣ. Назорати бехатарӣ ва қобили истифода будани дастгоҳҳо ва таҷҳизоти тиббӣ, сари вақт таъмир ва аз ҳисоб хориҷ кардани онҳо;

2.7. Барасмиятдарории феҳристи аҳолии хизматрасон, муайян кардани сохтори демографӣ ва иҷтимоии он;

2.8. Гузаронидани муоинаи қаблии профилактикии аҳолӣ дар муассисаҳои КАТС ва дар хона.

2.9. Ташкили бақайдгирии беморони диспансерӣ, маъюбон, зуд-зуд ва муддати тӯлонӣ бемор будагон, назорати ташрифи онҳо, сари вақт даъват кардани онҳо ба қабул;

2.10. Иштирок дар гузаронидани корҳои санитарию маърифатӣ дар минтақаҳо:

- таблиғи дониши гигиенӣ, тарзи ҳаёти солим, ғизои мутавозин, обутобдиҳӣ, фаъолияти ҷисмонӣ ва ғайра;

2.11. Омодасозии маҳзани иттиллоти шабакаи санитарӣ, гузаронидани омӯзишҳо оид ба расонидани кӯмак ба ҳамдигар ва кӯмаки мутақобила ҳангоми осеб, заҳролудшавӣ, ҳолатҳои шадид ва нохуш; омӯзонидани хешовандони беморони вазнин бо усулҳои нигоҳубин, расонидани ёрии аввалини тиббии тотабиб;

2.12. Омода намудани беморон барои гузаронидани тадқиқоти озмоишӣ ва инструменталӣ;

2.13. Таъмини саривақтии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муқарраршуда, ҳуҷҷатҳои оморӣ;

2.14. Такмили мунтазами баланд бардоштани сатҳи касбӣ, дониш ва маданияти касбии худ;

2.15. Риояи қоидаҳои дохилии меҳнат, этикаи тиббӣ, талабот оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ.

3. ҲУҚУҚҲОИ ҲАМШИРАИ ТИББИ ОИЛАВӢ

3.1. Дар таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои ҳамширагӣ фаъолона иштирок менамояд.

3.2. Дар машваратҳо оид ба масъалаҳои корҳои табобатӣ-профилактикӣ ва ташкилӣ дар минтақаи вобастбуда иштирок менамояд.

3.3. Ба ӯҳдагирии масъулияти шахсӣ барои такмили ихтисос ва нигоҳдории салоҳият ва тахассуси касбӣ.

3.4. Давра ба давра такмили дониши касбӣ (на камтар як маротиба дар панҷ сол) дар заминаи муассисаҳои таълимӣ ё филиалҳои он.

3.5. Дар доираи салоҳияти худ оид ба ташкили меҳнат, беҳтар намудани кумаки тиббӣ ва профилактикӣ ба аҳолӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.
3.6. Барои такмил додани раванди ҳамширагӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.
3.7. Истифодаи системаҳои иттилоотӣ барои кумак ба қабули қарор ва муккамалкунии самаранокии табобат.
3.8. Иштирок дар банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои тандурустии ҷамъиятӣ.

4. ҲАМШИРАИ ТИББИ ОИЛАВӢ масъул аст:

4.1. Ҳангоми нарасонидани ёрии тиббӣ ба беморон дар шароити таҳдидкунандаи ҳаёт, барои амалҳои ғайриқонунӣ ё беамалие, ки боиси зарар ба саломатӣ ё марги бемор гардидаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун фаъолияти касбиро анҷом диҳад.
4.2. Ташкили дурусти фаъолият.
4.3. Сари вақт иҷро кардани таъиноти тиббӣ.
4.4. Татбиқи реҷаи санитарию эпидемиологӣ, қоидаҳои асептикӣ ва антисептикӣ дар ҷои кор.
4.5. Риояи қоидаҳои нигоҳдории доруворӣ, инвентаризатсия ва таҷҳизотҳо.
4.6. Пешбурди ҳуҷҷатҳо бо сифати аъло.
4.7. Барои нигоҳ доштани махфияти маълумотҳо доир ба фаъолияти корӣ, беморӣ ва худи бемор.